**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаи мубрами имрӯзаи илмии назариявӣ-методологии шуури ҳуқуқии судяҳо бахшида шудааст, ки он ҷиҳати таҳкими мақмоти судӣ, баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, мустақилияти онҳо, асоснок ва бо сифат таҳия намудани санадҳои судӣ, тафсири маънии асосии қонунҳо ва дарки дурусти татбиқи қонунҳо ҳангоми баамалбарори адолати судӣ аз ҷониби судяҳо муҳим мебошад. Мубрам арзёбӣ гардидани шуури ҳуқуқи судяҳо ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ дар замони муосир мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтааст ва корҳои илмӣ-тадқиқотии бунёдӣ низ дар ин бахш ба назар намерасанд.

Бо вуҷуди он ки баъзе аз муҳаққиқон самтҳои гуногуни шуури ҳуқуқии инсонро то андозае баррасӣ намуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқоти мукаммали самти шуури ҳуқуқии судяҳо, ки дар сатҳи назарияи ҳуқуқӣ, методологияи таҳқиқоти ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст, диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар на танҳо ба масъалаҳои умумии шуури ҳуқуқ,

инчунин барои ҳалли мушкилоти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо равона шудааст, ки мубрамияти онро дучанд мегардонад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи илмии Қодирзода Тоҳир Қамар, инчунин аз он иборат аст, ки пас аз соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон дар сохти давлатдории ҷумҳурӣ тағйиротҳои куллие ба амал омаданд, ки онҳо ба масъалаҳои адолати судӣ ва қонуният, ки бевосита ба аҳаммият ва нақши ҳокимияти судӣ ва судяҳо дар ҷомеаи муосир низ таъсир мерасонанд, дахл доранд.

Омӯзиши масоили шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар шароити муосир аз он сабаб аҳаммияти хоса пайдо мекунад, ки дар даврони ҷаҳонишавӣ шуури ҳуқуқии касбии судяҳо на танҳо дар сатҳи як давлат ё дар доираи ҳудудҳо ё минтақаи муайяни ҷаҳон, балки дар сатҳи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Аз як тараф, раванди муттаҳидшавӣ ва ҳамоҳангсозии арзишҳои гуногуни фарҳангӣ, наздикшавии фарҳангҳои ҳуқуқии миллӣ ва ташаккули шуури ягонаи ҳуқуқӣ дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ҷараён дошта бошад ҳам, аммо аз тарафи дигар, дар замони муосир дар шароити номуайянии куллӣ ба раванди ташаккули шуури ҳуқуқии судя, чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва чӣ дар сатҳи миллӣ омилҳои зиёде таъсири мерасонанд. Бӯҳрони фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаи муосир дар ихтилофҳо ва норасоиҳо дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории дохилӣ, дар номукаммалии механизми танзими ҳуқуқӣ ва механизми татбиқи ҳуқуқ, дар сатҳи пасти шуури ҳуқуқии шахс зоҳир мегардад. Сабабҳои бӯҳрони шуури ҳуқуқии шахс бевосита ба проблемаҳои соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии рушди ҷомеаи муосир, давлат ва муносибатҳои байналмилалӣ алоқаманданд. Дар фаъолияти судяҳо малакаю маҳорати татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро дар шароити мушаххаси ҳаётӣ, дар семинару дарсҳои амалӣ бо истифода аз шаклҳои интерактивии таълим ташаккул додан зарур аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки байни ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқии касбии судя алоқамандии зич вуҷуд дорад. Он ҳам дар таъсири шуури ҳуқуқӣ ба

ҳуқуқ ва ҳам баръакс дар таъсири ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Ин таъсир пеш аз ҳама дар ҷараёни ташаккули ҳуқуқ зоҳир гардида, дар марҳилаи ниҳоии он - марҳилаи қабули қарор хеле аён мегардад, ки маҳз шуури ҳуқуқии касбии судя таассуротро дар бораи зарурати қабули қарорҳои даркшуда, касбӣ ва одилона ба вуҷуд меорад. Шуури ҳуқуқии касбӣ дар марҳилаи мазкури фаъолияти судя аҳаммияти муҳим дошта, бевосита ба риояи қонунҳо аз ҷониби аъзоёни дигари ҷомеа таъсир мерасонад. (в.д.99).

Бояд зикр намуд, ки муҳаққиқ ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз таҳлили ақидаҳои дар илм мавҷудбуда оид ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ташаккул ва таҳкими он иборат аст ва дар ин замина оид ба такмили шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ки заминаи онро сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, пешниҳоду тавсияҳои асоснок таҳия намуда, пурра ноил шудааст. Он пешниҳоду тавсияҳое, ки дар нуктаҳои навгонӣ барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, асоснок карда шуда, тамоми маҷмуи масъалаҳои интихобшударо дар бар мегиранд ва дар зербобҳои дахлдори диссертатсия инъикоси пурраи худро ёфтаанд.(в.д. 19-27 дисс.)

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин дар нашрияҳо оид ба мавзӯи рисола бо пуррагии кофӣ пешниҳод карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар зиёда аз 20 конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳо дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Оид ба муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқ доир ба мавзу ва моҳияти диссертатсия 8 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 васоити таълимӣ, 73 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 30 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст, ки ҳамаи ин аз сатҳи пурраи масъалаи таҳқиқшуда шаҳодат медиҳанд.

**Дарачаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳоде, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.** Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар бонизом таҳия гардида, дар он падидаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун низоми томи мураккаб, инкишофёбанда ва худтанзимшаванда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 395 саҳифаро ташкил медиҳад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳоди дар диссертатсия дарҷгардида, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Асосҳои методологии диссертатсияро усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додаанд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ, усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода шудаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, муҳаққиқ аз фаъолияти касбии худ хулосабарорӣ намудааст, ки ҷиҳати баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва бо ин васила таҳким бахшидан ба ҳокимияти судӣ, як зумра пешниҳодҳои назариявӣ-амалӣ коркард шудааст ва гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро асоснок намуда, ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Муаллиф ҷанбаҳои нави фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, омилҳои мушаххасе, ки ба ташаккули унсурҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсир мерасонанд ва хусиятҳои онро муқаррар намуда,

тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳкими сулҳу суббот, ваҳдати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд равона карда шудааст, муайян намудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок намуда, ба ҳимоя якчанд нуктаҳои илмии назариявӣ ва амалиро пешинҳод намудааст.

Муаллиф дар боби якум диссертатсия изҳори ақида менамояд, ки шуури ҳуқуқӣ мавзуи бевоситаи омӯзиши илми ҳуқуқшиносӣ буда, он аз маҷмуъи ақидаҳо ва ҳиссиёти ҳуқуқӣ иборат буда, хусусияти меъёрӣ дошта, ҳам дониш дар бораи падидаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам баҳодиҳии онҳоро аз нуктаи назари адолат арзёбӣ менамояд.

Дар боби дуюм ва сеюми диссертатсия муҳақиқ бобати фаҳмиши ҳуқукии судӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ ва расмиёти судӣ, ҷанбаҳои назариявии тафсири ҳуқуқӣ, намудҳо ва тарзҳои он дар шароити инкишофи низоми ҳуқуқӣ, ҷой ва нақши герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ, қоидаҳои воқеии тафсир ва тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз рӯйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф зикр намудааст, ки дар назарияи ҳуқуқ тафсир маънои тассавурот пайдо кардан дар бораи мазмун ва муҳтавои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаҳмиши маънои аслӣ ва дақиқи қонун, дарки моҳияти қонунро дар назар дорад ва  бо дарназардошти сатҳи имрӯзаи рушди технологияи ҳуқуқӣ, ӯ ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунии судӣ бояд ҳамаи қоидаҳои  тафсири воқеиро донад ва риоя намояд.

Боби чоруми диссертатсия ба масоили назарияи ҳуқуқи исботкунӣ, нақш ва ҷои назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, амалинамоии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ ва баҳодиҳии далелҳо, ҷоизӣ, дахлдорӣ ва боэътимодии

далелҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ҳамаи он дар маҷмуъ барои баланд бардоштани савияи касбии судяҳо нақши муҳим дошта, дар баамалбарории адолати судӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар боби панҷуми диссертатсия бошад, тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҳошияи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, таҳсилоти касбии судяҳо чун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо ва роҳҳои пешгирии саҳви судӣ чун омили тақвияти шуури ҳуқуқии судяҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар **хулоса** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои дорои масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, пешниҳодҳо асосноки илмӣ доир ба такмили қонунгузорӣ, зикр шудаанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллиф буда, асоснокунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

**Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳоде, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд,** ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба тадқиқоти шуури ҳуқуқи касбии судяҳо буда, муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти ҷойдоштаи назариявӣ ва методологии паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия, мураттабсозӣ ва таҳлили натиҷаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо натиҷаҳои дар илм ҷойдошта, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили шуури ҳуқуқи касбии судяҳо, қонуният ва самтҳои рушди шуури ҳуқуқӣ, тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ, ҷамъу таҳлили иттилоотӣ-амалӣ оид ба сатҳи воқеии шуури ҳуқуқи касбии судяҳо асос ёфтааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаи илмӣ-методологии таҳқиқоти минбаъдаи шуури ҳуқуқии ҷомеа, шуури ҳуқуқи касбии судяҳо, шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, шуури ҳуқуқии касбӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ шуда метавонад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, зимни таҳия ва қабули қонунҳо, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамзамон заминаи илмии такмили минбаъдаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ дар ин соҳа истифода шаванд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқии инсон баромад карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

**Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.**

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Мазмуни диссертатсияро мусбӣ арзёбӣ намуда, қайд менамоем, ки он дар маҷмуъ моҳияти мавзуро ифода

намуда, имконият медиҳад, ки масъалаҳои мубрами он баррасӣ гардад, вале аз нигоҳи мо баъзе ҷиҳатҳои он баҳснок боқӣ монда, ба монанди ҳама гуна таҳқиқоти илмӣ аз баъзе нуқсонҳо холӣ намебошад:

1. Дар банди якуми нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, қайд карда мешавад, ки "Шуури ҳуқуқии касбии судя - аз унсурҳои алоҳидаи сохтории он ки ҳар яке аз онҳо дорои аҳаммият ва ҷузъҳои алоҳидаи таркибии худ мебошанд, иборат аст, аз ҷумла: ҳангоми муайян кардани тамсилаи шуури ҳуқуқии касбии судя, унсури асосии он пайванди мантиқӣ-меъёрӣ мебошад, ки он ҳаҷм ва амиқии донишҳои ҳуқуқӣ, сатҳи тафаккури ҳуқуқиро дар бар мегирад; як қисми шуури касбии ҳуқуқии судя, ки сарчашмаи равонӣ дорад, эҳтироми баланд нисбат ба ҳуқуқ ва эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи он, дарки ҳуқуқро ҳамчун арзиши олӣ ташкил медиҳад; самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳаммиятнокро пешбинӣ мекунад: омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адлу адолат, эътирофи зарурати такмили худ аст".(с. 21-22). Мафҳуми мазкур аз нуқтаи назариявӣ қобили қабул буда, айни замон омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адлу адолат, шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро ба инобат намегирад. Шуури ҳуқуқӣ, тавре ки маълум аст, бо психология ва мафкураи ҳуқуқӣ робита дорад. Онҳо унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо буда, ба шуури ҳуқуқии онҳо таъсир расонида, омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адлу адолат, дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя муҳим мебошанд.

2. Ҳангоми таҳқиқи таркиби шуури ҳуқуқӣ дар зербоби 1.2 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки "шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ташкилаи махсус дорои сохтори худ мебошад, ки ягонагии се унсурро дар бар мегирад: Идеологияи ҳуқуқӣ - ифодаи мураттаби илмии ақидаи ҳуқуқӣ, принсип, талаботи ҷамъият, синф, гурӯҳ ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ мебошад. Он дар натиҷаи ба созиш омадан, яъне дар натиҷаи муайян кардани манфиатҳо ва афзалиятҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба даст меояд,

ташаккул меёбад. Давлати ҳуқуқбунёд сатҳи баланди мафкураи ҳуқуқӣ ва дар ин раванд риояи принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсӣ, эътирофи нақши баланди мақомоти ҳифзи ҳуқуқро пешбинӣ менамояд. Яке аз қисми идеологияи ҳуқуқии муосир ғояи миллӣ мебошад, ки бо худ ғояи эҳёи давлат, ташаккули он ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва демократиро ифода медиҳад, ки дар он шароити зиндагии арзанда фароҳам оварда мешавад; Психологияи ҳуқуқӣ - ҳиссиёт, эҳсосот, таҷриба, мутаасирӣ, рӯҳияро дар бар мегирад, ки умуман ба ҷамъият ва хусусан ба гурӯҳи иҷтимоӣ хос мебошанд. Маҳз психологияи ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои миллату халқияти гуногуни давлатро муайян карда, тафовути майлу хоҳиши табақаҳои гуногуни аҳолӣ муайян карда шавад. Он барои ба амал баровардани тамоми он чизе, ки ба одат, маданият, ходарзёбии шахсият табдил ёфтааст, кӯмак мерасонад. Сатҳи психологияи ҳуқуқӣ дараҷаи қобилияти (малакаи) шахсро дар ҳолатҳои гуногун идора карда тавонистан, мағлуб кардани эҳсосоти манфие, ки метавонанд боиси рафтори ғайриқонунӣ гарданд, муайян месозад; Унсурҳои рафтор - маҷмуъи одатҳо, дастурҳо ва самти (тавҷеҳи) субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, дараҷаи омодагии онҳо ба амалҳои ҳуқуқӣ. Ҷараёни ташаккули шуури ҳуқуқӣ бо талқин кардани фарҳанги ҳуқуқӣ дар шахс, гурӯҳ, ҷомеа зич алоқаманд аст.» (с. 64-65).

Бобати ин ақидаи муаллиф қайд намудан лозим аст, ки он дуруст ба шумор меравад, вале айни замон аз лиҳози илмӣ баҳснок аст. Шуури ҳуқуқӣ аз маҷмуи унсурҳои маърифатӣ, эътиқодӣ, баҳогузорӣ, иродавӣ ва назариявӣ иборат буда, бо шуури ахлоқӣ робитаи зич дошта, арзишҳои ахлоқӣ унсури таркибии он баҳогузорӣ карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, шуури ахлоқӣ якҷоя бо мафкураи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқӣ унсури таркибии шуури ҳуқуқӣ аст ва психологияи ҳуқуқӣ бо шуури ахлоқӣ алоқамандӣ дорад.

3. Муаллиф дар банд шашуми пешниҳодҳои назариявӣ таклиф намудааст, ки масъалаҳои хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ ба таври ҷиддӣ таҷдиди назар карда шавад. Ба мансаби судягӣ

шахсоне интихоб ва пешбарӣ карда шаванд, ки онҳо на танҳо аз ҷиҳати сиёсию ахлоқӣ устувору арзандаанд, инчунин донишҳои назариявию касбиятии онҳо ва таҷрибаи ҳаётиашон низ ба ин мансаб ҷавобгӯ бошад. Аммо роҳҳои мушаххаси таҷдиди назар намудани масъалаҳои хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашуда, пешниҳодотҳо дар ин бора қайд нагардидааст. Чунки, дар замони муосир масъалаҳои хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ дар ҳақиқат беҳбудиро металабад ва адолати ҳақиқии судӣ, аз кадрҳои судягӣ алоқамандии зич дорад.

Норасоиҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ саҳми сазовори худро гузоранд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мубрам мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия

барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки дар натиҷа мазмун ва моҳияти диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал менамояд. Муаллифи диссертатсия Қодирзода Тоҳир Қамар бошад, барои гирифтани унвони илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Директори Муассисаи давлатии
"Маркази барномаҳои байналмилалӣ"
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ                Одиназода Р.

**Имзои** Одиназода Р. – **ро тасдиқ мекунам:**
Мудири бахши коргузорӣ, кадр ва ҳуқуқ                Имомзода М.

10. 06. 2025

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47,
E-mail: ramazon-84@mail.ru,
Тел. корӣ: 223-23-59: Тел: моб.: 00 – 500 – 74 – 74.